**ХУЛОСАИ**

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 8 майи соли 2025, №48**

Барои сазовор донистани Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи "Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик».

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 29 январи соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №25-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич 9.05.1971 таваллуд шуда, соли 2000 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоевро бо ихтисоси "Омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик" (№6429 ДТО №0013546 диплом ТСИ №0004609) хатм намудааст.

Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич 19-уми октябри соли 2013 рисолаи номзадиашро дар мавзуи "Теоретическая обоснованность дидактической системы Носира Хусрава по формированию логико-мыслительной деятельности учащихся 8-х классов таджикской школы (***тарҷума:*** *«Асосҳои назариявии системаи дидактикии Носири Хусрав дар ташаккул додани қобилияти мантикӣ - зеҳнии хонандагони синфи 8-и мактабҳои Тоҷикистон»)* дар шурои диссертатсионии Д.047.016.01-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҳимоя намуда, бо фармони Вазорати

маориф ва илми Федератсияи Россия аз 14 апрели 2014 №186/нк-3 (диплом ДКН № 201835) ба ӯ дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шуд.

Фаъолияти меҳнатии Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич соли 1991 аз вазифаи омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби асосии рақами 18-и шаҳри Роғун сар шуда, пас солҳои 1991-1993 мудири мактаби ибтидоии №14-и ш. Роғун, солҳои 1991-2005 омӯзгор, ҷонишини директор дар мактабҳои рақами 41, 32-и н. Роштқалъа, солҳои 2005-2010 мушовири фанҳои забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи такмили маълумоти касбии (ДТМК) ВМКБ, солҳои 2010-2014 сармуҳаррири маҷаллаи «Раҳнамои омӯзгор»-и ДТМК-и ВМКБ, солҳои 2014-2015 муовини директори ДТМК оид ба захираҳои инсонӣ, солҳои 2015-2016 муовини директор оид ба ҳуқуқ ва робитаҳои байналмилалии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ, солҳои 2016-2018 директори муассисаи давлатии Маркази муассисаҳои таҳсилоти иловагии ВМКБ, солҳои 2018-2019 мудири шубаи илм ва инноватсияи ФДҶТИБКСМ дар ВМКБ, солҳои 2019-2020 муовини директори Филиали Донишкада оид ба таълим, илм ва инноватсия кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 2020 Саидиброимов Ш.О. иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи методикаи таълими факултаи педагогии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев таъин гардида, то кунун дар ин вазифа фаъолият дорад.

Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич аз соли 2018 докторанти кафедраи педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими фанни Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев буда, мавзуи рисолаи докториаш “Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик» дар шурои олимони ДД Хоруғ ба номи М. Назаршоев аз 31.01.2018 таҳти №5 тасдиқ гардидааст.

Мушовири илмӣ: Ҷумъа Булбулов - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, профессори кафедраи педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими фанни Донишгоҳи давлатии Хоруғ.

Муқарризони расмӣ:

Шарифзода Файзулло – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

Хоҷаев Қурбон Тоҳирович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев.

Дар тақризи мусбати худ, қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 1.04.2025, №8/04, ки онро раиси ҷаласа, Мансурова Ҷ.А. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ номзади илмҳои педагогӣ ва котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ Арбобова Ф. имзо карда, ректори донишгоҳ - доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки “... арзишҳои амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада метавонанд дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастуру раҳнамоҳои илмӣ, методӣ, фаннӣ оид ба ақидаҳои педагогии мутафаккирони ин асрҳо, нақши анъанаҳову арзишҳои милливу мардумӣ, педагогикаи мардумӣ дар рушди хирад ва ташаккули сирати миллӣ ва дигар ҷанбаҳои таълиму тарбияи насли наврас мусоидат намоянд. Инчунин дар ғанӣ гардонидани педагогикаи тоҷик мавзуи фавқ нақши бориз дорад...”

Инчунин, қайд шуд, ки Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич довталаби дараҷаи илмӣ **50** интишороти илмӣ, аз ҷумла, **21 номгӯй мақолаҳои илмии зерини докторант** оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи

Россия тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Саидиброимов, Ш.О. Насир Хусрав и Каран [Текст] / Ш.О. Саидиброимов // Известия Академии наук Республика Таджикистан, 2012, №2. – С 99-101.

[2-М]. Саидиброимов, Ш.О. Ақидаҳои педагогии тоисломӣ дар асарҳои динии халқҳои сокини минтақаҳои Форсу Мовароуннаҳр [Матнт] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2012, №3/8 (101). Қ.1. – С. 246 – 251.

[3-М]. Саидиброимов, Ш.О. Инъикоси усулҳои самарабахшу фаъоли таълим дар "Саодатнома"-и Носири Хурав [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, 2013, №4(53) қ.2. – С. 166-170.

[4-М]. Саидиброимов, Ш.О. Истифодаи ангезиши зеҳн ва инкишоф додани маҳорати фикрронӣ дар «Кушоиш ва раҳоиш»-и Н. Хусрав дар синфи 8 [Матн] / Ш.О.Саидиброимов // Илм ва инноватсия. Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2014, №1-2(7-8). – С. 33-36.

[5-М]. Саидиброимов, Ш.О. Наврӯз ва равнақи ҳунарҳои мардумӣ [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Илм ва инноватсия. Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2017, №1-2(7-8). – С. 8-11.

[6-М]. Саидиброимов, Ш.О Саёҳат омили асосии рушди тафаккур ва салоҳиятҳои хонандагон (дар ҳаммуалифӣ). [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019, №10. - С. 251-255.

[7-М]. Саидиброимов, Ш.О. Нақши хирад дар шинохти қадри падару модар аз нигоҳи мутафаккирони асрҳои X-XI [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, 2020, №4(53) қ.2. – С. 166-170.

[8-М]. Саидиброимов, Ш.О. Усулҳои ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллии насли наврас бо истифода аз ашъори шуарои муосири тоҷик (дар ҳаммуалифӣ) [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020, №7. – С. 286-291.

[9-М]. Саидиброимов, Ш.О. Тафаккури интиқодӣ - омили асосии рушди тафаккур ва салоҳиятҳои хонандагон [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020, №10. – С. 379-382.

[10-М]. Саидиброимов, Ш.О. Нақш ва ҷойгоҳи падару модар дар таълимоти мутафаккирони асрҳои X-XI (дар ҳаммуалифӣ) [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Серия 2, 2021, №2(6). – С. 27-31.

[11-М]. Саидиброимов, Ш.О. Нақш ва ҷойгоҳи ақлу хирад дар таълимоти Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Ибни Сино ва Носири Хусрав [Матн] /

Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Серия 2, 2021, №3-4(7-8). – С. 47-51.

[12-М]. Саидиброимов, Ш.О. Прославление интелекта (мудрости) в творчестве литераторов X века [Текст] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми донишгоҳи Хоруғ, 2021, №2(18). – С. 149-156.

[13-М]. Саидиброимов, Ш.О. Татбиқи донишҳои назариявӣ дар амал аз диди мутафаккирони асрҳои X-XI [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми донишгоҳи Хоруғ, 2022, №2.– С. 74-82.

[14-М]. Саидиброимов, Ш.О. Тақвияти педагогӣ дар такмил бахшидани сифати таълим бо роҳи табодули таҷриба (дар ҳаммуалифӣ). [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2022, №3(44). – С. 86-93.

[15-М]. Саидиброимов, Ш.О. Нақши хирад дар рушди таълиму тарбия аз нигоҳи Абулқосим Фирдавсӣ [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, 2022, №4(40). – С. 5-9.

[16-М]. Саидиброимов, Ш.О. Ҳамбастагии ақидаҳои тарбиявӣ-ахлоқии Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва Ҷалолиддини Балхӣ [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2022, №4(45). – С. 74-78.

[17-М]. Саидиброимов, Ш.О. Шинохти ҳаққи модару падар дар «Қобуснома»-и У. Кайковус ва педагогикаи мардумии тоҷикони Бадахшон [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022, №7. – С. 332-337.

[18-М]. Саидиброимов, Ш.О. Дарси муосир ва инъикоси он дар раванди таълим [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишкадаи забонҳо, 2023, №3(51). – С. 170-176.

[19-М]. Саидиброимов, Ш.О. Рушди салоҳиятҳои хонандагон аз нигоҳи Ҳаким Носири Хусрав [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, 2023, №4 (28). – С. 242-249.

[20-М]. Саидиброимов ,Ш.О. Ҷашни Сада аз нигоҳи мутафаккирони асрҳои X-XI ва нақши он дар рушди салоҳиятҳои насли наврас [Матн] / Ш.О.Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, 2024, №2 (30). – С. 128-135.

[21-М]. Саидиброимов, Ш.О. Таҳқиқи таҷрибаҳои педагогӣ (амалигардонии усулҳои фаъоли таълим) дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон (дар ҳаммуалифӣ) [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, 2024, №4 (28). – С. 240- 247.

Тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич ба дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқат мекунад” ва зикр намудааст, ки ”дар баробари дастовардҳои

муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои грамматикӣ ва имлоӣ роҳ ётаанд, ки ислоҳ бояд кард.
2. Диссертатсия дар кафедраи педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими фанни Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев иҷро шудааст. Агар диссертант дар раванди таҷрибагузаронӣ дар байни омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ устодону донишҷӯёни кафедраи педагогикаи ин донишгоҳро низ ба таҷриба фаро мегирифт арзиши илмиву амалии таҳқиқот ба маротиб меафзуд.
3. Дар зербоби 2:3-и боби 3-юми рисола муҳаққиқ "Таҳлили муқоисавии рушди хирад - омили асосии ташаккули сирати миллӣ дар эҷодиёти А.Сино ва "Офариннома"-и Абушакури Балхӣ" – ро ба таҳқиқот фаро гирифтааст. Хуб мешуд, ки диссертант ба ин мавзуъ аз диди васеътар назар андохта дар баробари "Офариннома" осори дигари А. Балхиро мавриди истифода қарор медод.
4. Диссертант дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ ҳамбастагии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик ва педагогикаи мардумиро оид ба ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ таҳлили амиқ намуда, фикрҳои хешро аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст. Аммо муҳаққиқ фарқияти ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик ва педагогикаи мардумиро оид ба ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ ба таҳқиқ фаро нагирифтааст, ин тарафи масъаларо бояд ба инобат гирифт.
5. Дар раванди гузаронидани таҷриба муҳаққиқ муваффақ шудааст, ки амалишавии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷикро оид ба ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар муассисаҳои интихобии филиали ДҶТИБКСМ дар ВМКБ ба таври дақиқ мушоҳида намуда, дастовардҳои ин муассисаҳоро дар рисола ҷой диҳад. Хуб мешуд, ки диссертант дастовардҳои муассисаҳои ҳамрадифи муассисаҳои интихобии ин филиалро низ бештар омӯхта дар рисола ҷой медод.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

**Хулоса**: Диссертатсияи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи шурои

диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 4 монография ва 50 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷой дода шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Қодиров Бахтиёр Розиқович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ, бо асосҳои технологияи информатсионии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон" ба номи Абуалӣ ибни Сино. Муқарриз эрод надорад.

2. Нафиса Юнусова - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидоншгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат мебошад.

3. Сабурӣ Хайрулло Мирзозода - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғ афуров Муқарриз эрод надорад.

4. Сатторов Абдурасул Эшбекович - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тақриз мусбат мебошад.

5. Хоҷаева Мубина Ҷалоловна - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори МДБТМУ РТ "ММУ дар шаҳри Хуҷанд ба номи А.П. Чехов.

Муқарриз қайд кардааст. "Дар баробари ҳамаи ҳасаноти кори диссертатсионии Саидиброимов Ш.О., дар он баъзе ноқисиҳо мавҷуданд, ки

ҳарчанд ба хулосаҳои илмии он таъсиргузор набошанд ҳам, вале ислоҳи онҳо дар оянда боиси боло рафтани сифати кор хоҳад шуд. Аз ҷумла:

1. Имлои навиштани ному насаби намояндагони илму адаби классикони форсу тоҷик, ки мувофиқи имлои муосир омадааст, қобили қабул нест (А. Муродӣ, А. Форсловӣ, Ш. Балхӣ, А. Ҷӯйборӣ, А. Фаррухӣ, А. Гургонӣ, М.Васиф,А. Рабанҷанӣ, С. Самарқандӣ ва ғайраҳо).

2. Қисмати “Методҳои тадқиқот” дар муқаддимаи рисола қариб, ки дар шакли вазифаҳои таҳқиқот тарҳрезӣ шудаанд ва хуб мебуд, агар ҳар як методи истифодашуда ба таври мушаххас ва бо вазифаҳои худ номбар мешуд.

3. Ҷо-ҷойи матни рисола аз камбудҳои имлоӣ ва техникӣ низ холӣ нест, ки ба ислоҳ эҳтиёҷ доранд.

Дар умум, рисола ҳамчун як таҳқиқи хуб ва пурраи илмӣ ҷавобгӯйи тамоми талабот буда, автореферат ва мақолаҳои нашршудаи унвонҷӯй музмуну мундариҷаи таҳқиқотро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.”

Дар маҷмуъ, 5 нафар муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 29 январи соли 2025, №25-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

- таҳқиқи ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик оид ба ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ ва пояи маънавии халқи тоҷик исбот ва **асоснок карда шуданд**;

- ақидаҳои педагогии тоисломӣ оид ба ташаккули хирад ва сирати миллӣ, ҳамчун сарчашмаи асосии рушди ақидаҳои педагогии мардуми тоҷик дар асрҳои X-X1 ошкор ва **асоснок карда шуданд**;

- афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик оид ба хирад ва сирати миллӣ дар тарбияи фарзанд ва ҳамбастагии ақидаҳои педагогии мутафаккирони ин аҳд **муайян ва мушаххас гардиданд;**

- проблемаҳои асосии косташавии ахлоқи насли наврас, ошкорсозии сабабу омилҳо, муқаррар кардани усулҳои фаъоли тарбияи насли наврас

ҷиҳати бартараф намудани проблемаҳои косташавии ахлоқи наврасон муайян ва роҳҳои ҳалли онҳо **пешниҳод гардиданд;**

- ҳамбастагиҳои ташаккули хирад ва сирати миллӣ дар осори мутафаккирони асрҳои X-XI ва педагогикаи мардумии тоҷикони Бадахшон ва анъанаҳои миллӣ дар мисоли ҷашнгирии иди Наврӯз дар Бадахшон ва ғояҳои тарбиявии он **таҳқиқ ва муайян карда шуданд;**

- хусусиятҳои умумӣ ва хоси тарбия дар муассисаҳои таълимӣ дар асоси ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-X1, педагогикаи мардумии тоҷикони Бадахшон, эҳё ва тақвият бахшидани анъанаҳои миллӣ ва нақши онҳо дар ташаккули сирати миллӣ **ошкор гардиданд;**

- роҳҳои амалигардонии ғояҳои рушди хирад барои ташаккули сирати миллӣ дар раванди муосири таҳсилот дар муассисаҳои таълимии ВМКБ **муайян ва пешниҳод карда шуданд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои назария** бо он асоснок карда шудааст, ки:

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироашуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, **ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода қарор гирифта метавонад;**

- асосҳои назариявии ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-XI оид ба хирад ва нақши он дар ташаккули сирати миллӣ ва дигар ҷанбаҳои таълиму тарбияи насли наврас таҳлилу тафсир карда шуда, **таълимоти ин мутафаккирон дар тарбия ва инкишофи ҳаматарафаи шахсият ошкор карда мешавад;**

- асосҳои назариявии таҳқиқоти назарияҳои илмии олимони ватанӣ ва олимону мутахассисони хориҷӣ, ки роҷеъ ба илмҳои педагогӣ ва филологӣ вобаста ба ташаккули хирад ва сирати миллӣ пажӯҳишҳои илмиро анҷом дода, дар заминаи онҳо **таҳлили натиҷаҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот роҳандозӣ карда шудааст, асоснок карда мешаванд;**

- таҳқиқи осори мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик дар ҳамбастагӣ бо педагогикаи мардумии тоҷикон, дар мисоли педагогикаи мардумии тоҷикони Бадахшон ва анъанаҳои миллӣ, монографияҳо ва дигар таҳқиқоти педагогӣ, инчунин, ҷамъбасти фаъолияти манбаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва хулосаҳои арзёбии муҳаққиқони ин корҳои илмӣ коркард карда мешаванд **асоснок карда мешавад;**

- рушди тафаккур ва салоҳиятҳои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо истифода аз амиқ омӯхтани осори мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик **муайян карда мешаванд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия**:

- маҷмӯи маводҳои таълимию методӣ, мақолаву монографияҳо, ки оид ба мавзуи "Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои Х-Х1-и форсу тоҷик» тайёр карда шуданд, ки ба тамили дониш ва салоҳиятҳои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва такмили маҳорати касбии омӯзгорон нигаронида шудаанд маводи нав **фароҳам меоварад**;

- барои истифодаи доимӣ ва бамавқеи усулҳои фаъолу замонавии таълим дар дарсҳои ҳаррӯзаи омӯзгорон, гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфиву беруназмуассисавӣ аз тарафи омӯзгорон, роҳбарони синфҳо, маъмурияти муассисаҳои таълимӣ, роҳбарони созмонҳои хонандагон **мусоидат кунанд;**

- ташаккули тафаккур, дониш ва саҳолиятҳои хонандагон, такмили маҳорати касбии омӯзгорон, тавассути истифодаи усулҳои фаъоли таълим, иттиҳодияҳои методӣ, табодули таҷриба ва дигар намуди шаклҳои коллективонаи корҳои методӣ вазифаҳо тартиб дода шуданд, ки метавонад бо як тағйироти муайян ба раванди самаранокии баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишгоҳу донишкадаҳои педагогӣ, коллеҷҳо ва ба донишкадаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон **мусоидат кунанд;**

- бо такя бар хирад, панду насиҳат ва осори мутафаккирони асрҳои Х-XI – и тоҷик ва мутафаккирони асрҳои баъдӣ дар ислоҳ намудани норасоиҳои мавҷудаи кори таълиму тарбия, такмил бахшидани ташвиқи ватандӯстӣ ва муҳофизати ватан, пос дошатани арзишҳои миллӣ ва ташаккули ин арзишҳо, анъанаҳои миллӣ **кӯмак мерасонад;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- маводи бадастомада ва хулосаҳои тадқиқот **метавонанд** ҳангоми маърузаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои мактаббачагон, омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- мухтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар дар раванди омӯзиши адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорону дигар кормандони соҳаи маориф, ҳангоми омӯзиши осори

мутафаккирони форсу тоҷик, таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои асосӣ, хулоса ва муқаррароти таҳқиқоти озмоиширо масоиле таъмин менамоянд, ки дар бунёди назария усулҳои фаъоли таълим дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ба такмили ихтисоси омӯзгорон гузошта шудааст **таъмин карда шудаанд;**

- мавқеъҳои ибтидоӣ ва таҳаввулоти дорои хусусияти назариявӣ бо натиҷаҳои таҳқиқот мувофиқ карда шудаанд, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии дар раванди исифодаи усулҳои фаъоли таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо такя ба ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X-X1-и форсу тоҷик, такмили маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути табодули таҷриба аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудаанд, таҳлил ва ҷамъбасти маҷмуи методҳо, ки аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо пурра кардани методикаҳои гуногун дар такя бо таҷрибаи ҳосилшуда ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ бар меоянд, **ба даст омадаанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ, курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, суҳбатҳову нишастҳо бо шахсони барӯманду соҳибтаҷрибаи ҷомеа ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** сарчашмаҳои илмиву адабӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

- **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

- **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- **иҷрои корҳоии назариявӣ ва таҷрибавӣ** аз рӯи мавзуи таҳқиқотии рисола, ки дар қисми хотимавӣ механизми аз тарафи муаллиф коркардашудаи ҳалли мушкилоти омӯхташуда, баҳодиҳии пешакӣ ва вариантҳои рушди объекти тадқиқшаванда, чорабиниҳои дурнамоӣ, ки барои бештар шудани самаранокии амалкунии он мусоидат мекунанд ва ғайра;

- **омодасозии матни ниҳоии бобҳои диссертатсия,** ки қисми амалии он ҳатман бояд таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи ҳолати ҷории мавзуи таҳқиқшаванда бо истифодаи усулҳои замонавии коркард ва шарҳи маълумотро тибқи технологияи компютерӣ ва ба расмият даровардани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ.

**Инчунин, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки ӯ бевосита аз манбаъҳои муътамади илмӣ, оморӣ ва маводи бойгонӣ истифода бурда, тӯли солҳои зиёд дар раванди арзёбии илмии рисолаҳои ҳимояшаванда оид ба илмҳои педагогӣ ба сифати узви шурои диссертатсионӣ, муқарриз, муқарризи расмӣ бевосита ширкат варзида, тавассути он аз методҳои квалиметрии арзёбии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври васеъ истифода бурдааст. Дар заминаи омӯзиш муҳаққиқ тавассути таҳияи матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия, нашри асару мақолаҳои илмӣ бори нахуст афзалияти истифодаи методҳои квалиметриро дар ҷараёни арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла диссертатсионӣ, собит намудааст.

Дар маҷлис аз 8 майи соли 2025, №48 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич ба дараҷаи илмии

доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 6 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 10 нафар, муқобили – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 08.05.2025

Муҳри муассисае, ки дар заминаи он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.